**ХУЛОСАИ**
**ШӮРОИ ДИССЕРТАТСИОНИИ 6D.КОА-028-И НАЗДИ ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ОМӮЗГОРИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ САДРИДДИН АЙНӢ**

дар бораи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02. – Назария ва методикаи омӯзишу парвариш (забон ва адабиёти тоҷик)

Парвандаи аттестатсионии №______

**Қарори Шӯрои диссертатсионӣ аз 26 сентябри соли 2019**

Дар бораи ба шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, Камолова Гадобегим Раҳимовна додани дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 – Назария ва методикаи омӯзишу парвариш (забон ва адабиёти тоҷик).

Диссертатсияи Камолова Гадобегим Раҳимовна дар мавзӯи **"Асосҳои лингводидактикии таълими пунктуатсия ва нақши он дар саводнокии нутқи хаттию шифоҳии хонандагон дар дарсҳои забони тоҷикӣ"** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 – Назария ва методикаи омӯзишу парвариш (забон ва адабиёти тоҷик) аз тарафи Шӯрои диссертатсионии 6D. КОА-028-и назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ (ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 121) барои ҳимоя пазируфта шудааст (Протоколи №34 аз 30.05.2019)

Диссертант Камолова Гадобегим Раҳимовна, соли таваллудаш 1975, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, миллаташ тоҷик, узви ҲХДТ.

Аз моҳи сентябри соли 1999 то моҳи августи соли 2012 танзимгари факултети филологияи ДМТ, аз соли 2012 то инҷониб ба ҳайси ассистенти кафедраи забони адабии муосири тоҷикии факултети филологияи ДМТ фаъолияти корӣ дорад.

Диссертатсия дар кафедраи забони тоҷикӣ ва усули таълими забон ва адабиёти тоҷики Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба анҷом расидааст (қарори №8 аз 02.03.2019).

**Роҳбари илмӣ:** Абдулазизов Ваҳҳобҷон – номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забони адабии муосири тоҷикии ДМТ.

**Мушовири илмӣ:** Ҳоҷиматова Гулчеҳра Масаидовна – доктори илмҳои педагогӣ, профессор, мудири кафедраи усули таълими забон ва адабиёти руси ДМТ.

**Муқарризони расмӣ:**

**Муҳаммад Лутфуллозода** - доктори илмҳои педагогӣ, профессор, академики Академияи таҳсилоти Тоҷикистон;

**Искандарова Фароғат Додобоевна** - номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон;

**Муассисаи тақриздиҳанда:** Муассисаи давлатии таълимии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав.

**Дар тақризи муассисаи тақриздиҳанда** – Муассисаи давлатии таълимии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав омадааст, ки диссертатсия ба таҳқиқи системаи муайяни аломатҳои китобат ва аҳамияташон барои ҷудо кардани ҳудуди калима, ибора ва ҷумлаҳо, дарки дурусту ҳадафноки матн, нақши онҳо дар нутқи хаттӣ, равшану возеҳ гардонидани маъно ва тарзҳои ифодаи нутқ бахшида шудааст.

Аҳамияти аломатҳои китобат дар он аст, ки моҳияти мантиқиву синтаксисии калима, таркиб, ибора ва ифодаҳои мухталифро ба қадри зарурӣ таъмин намуда, бо дигар унсурҳои нутқ ҳангоми нутқи таҳририӣ барои ифодаи фикру ҳиссиёт ва дарки мазмуни нутқи хаттии хонандагон хизмат мекунанд. Дар рисола зикр шудааст, ки маъноҳои мухталифе, ки дар навишт сабт мешаванд, танҳо тавассути аломатҳои китобат пурра фаҳмида нашуда, нутқ ва ё гуфтори шахсеро мешунавем, ки аз рӯйи оҳанги талаффуз ҳис гардида, дар он баёни пурсиш, амр, хабар, хоҳиш ва ғайра ифода мешавад, ки марбут ба ҳамин маъно дар навишт аломати заруриро талаб мекунанд. Дар нутқи шифоҳӣ ист, оҳанг ва интонатсияро тобишҳои маъноӣ гуфтан мумкин аст, аммо ҳама тобишҳои маъноиро дар нутқи шифоҳӣ аломатҳои китобат нишон дода наметавонанд. Аломатҳое, ки дар нутқи хаттӣ байни калимаҳо ё гурӯҳи калимаҳо гузошта мешаванд, маҷмӯи қоидаҳоро оид ба истеъмоли аломатҳо дар ист, интонатсия ва пунктуатсияро фароҳам меоварад. Ҳамчунин зикр мегардад, ки барои дарки дурусти мақсади гӯянда хат нақши асосӣ мебозад. Дар хат дуруст ва дар мавқеи худ гузаштани аломатҳо муҳим аст, то аз рӯйи он хонанда дарк кунад, ки нависанда дар кадом ҳолат ва мақсад қарор дорад. Шахс ҳангоми хониш бояд ба аломатҳо диққати ҷиддӣ дода, онҳоро риоя кунад, то ин ки мақсади нависанда муайян гардад. Аломатҳои китобат, аз як тараф, дар асоси интонатсия ба вуҷуд

биёнд, аз тарафи дигар, дар асоси воҳидҳои лексикӣ ва грамматикӣ, ба воситаи сохти муайяни ҷумлаҳо, яъне мазмунҳои гуногуни нутқ ба вуҷуд меоянд. Онҳо дар ҳамоҳангӣ ба дигар паҳлуҳои забон (мазмун, услуб, имло…) нутқи таҳририӣ ва шифоҳиро сайқал медиҳанд. Аз ин рӯ, омӯзиши аломатҳои китобат мақсаднок буда, дониши хонандагонро аз ҳар ҷиҳат мукаммал мегардонад. Дар асоси таҳқиқи мазкур омӯзишу баррасии асосҳои лингводидактикии таълими пунктуатсия ва нақши он дар саводнокии нутқи хаттию шифоҳии хонандагон дар дарсҳои забони тоҷикӣ аҳамияти назаррас дошта, онро ҳаматарафа баррасӣ намудан, барои шинохтану дақиқ кардани сатҳи саводнокӣ ва амиқ омӯхтани аломати китобат ҳангоми омӯзиши забони тоҷикӣ дар мактабҳои таҳсилоти умумӣ мусоидат мекунад.

Маводи зиёди илмӣ ва методии истифодашуда аз камолоти илмии муаллифи кор шаҳодат медиҳад. Бо вуҷуди ин, диссертатсия аз камбудиҳо ва норасоиҳои зерин холӣ нест:

1.Чун диссертатси мазкур дар мавзӯи методикаи таълими забони тоҷикӣ омода гардидааст, хуб мешуд доир ба вазъи омӯзиши методикаи забони тоҷикӣ фасле бахшида мешуд.

2. Ба манфиати кор мебуд, агар ҳамчун замима маводи баррасишудаи таҳқиқот дар диссертатсия ҷой дода мешуд.

3. Дар тартиби дастгоҳи илмии рисола заҳмати зиёд сарф гардида, бо нишон додани номи сарчашма, муаллиф, соли нашр, ҷилд ва саҳифаи истифодашуда [Забони тоҷикӣ, 2008, С. 8], [Муҳаммадиев 1993, с. 225] оварда шудааст. Тарзи бисёр содаи он бо нишон додани рақами тартибии алифбо ва саҳифаи истифодашудаи он мебошад. Дар диссертатсия ҳамин тартиб риоя нагардидааст.

4. Номи адибоне, ки аз осори онҳо мавод барои тақвияти фикр оварда шудааст, хуб мешуд чун ихтисора дар охири рисола оварда мешуд.

5. Истифодаи диаграмма, схема, таблитсаҳо дар диссертатсия ва автореферати диссертатсия ба таври фаровон истифода шудааст, вале, мутаассифона, баъзе аз онҳо рақамгузорӣ ва номгузорӣ нашудаанд.

6. Дар кори диссертатсия баъзе ғалатҳои имлоӣ ва иштибоҳоти техникӣ ба назар мерасад (саҳ. 12, 16, 27, 29, 34, 38, 41 106 ва ғ.), ки дар оянда ислоҳ намудани онҳо ба ҳусни кор неруи дигаре зам хоҳад намуд.

7.Дар диссертатсия ва автореферат баъзе мафҳумҳо, аз ҷумла “мактабиён, хонандагон ва мактаб, муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ” дар ду шакл оварда шудаанд. Тибқи санадҳои меъёрии соҳаи маориф имрӯз мафҳумҳои “хонанда” ва “МТМУ” ба ҳайси истилоҳ роиҷ гардидаанд.

Албатта, ин камбудиҳо он арзиши илмӣ ва амалиеро, ки диссертатсияи илмии Камолова Гадобегим Раҳимовна дар мавзӯи «Асосҳои лингводидактикии таълими пунктуатсия ва нақши он дар саводнокии нутқи хаттию шифоҳии хонандагон дар дарсҳои забони тоҷикӣ» дорад, ба ҳеҷ ваҷҳ кам нахоҳанд кард.

Диссертатсияи Камолова Гадобегим Раҳимовна дар мавзӯи «Асосҳои лингводидактикии таълими пунктуатсия ва нақши он дар саводнокии нутқи хаттию шифоҳии хонандагон дар дарсҳои забони тоҷикӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02-Назария ва методикаи омӯзишу парвариш (забон ва адабиёти тоҷик) таҳқиқоти анҷомёфта маҳсуб гардида, ҷавобгӯ ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аст ва муаллифи он Камолова Гадобегим Раҳимовна сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02-Назария ва методикаи омӯзишу парвариш (забон ва адабиёти тоҷик) мебошад.

Диссертант 8 мақола ба табъ расонидааст, ки аз он 6 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комисияи олии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд. Номгӯи муҳимтарин корҳое, ки муҳтавои асосии диссертатсияро инъикос менамоянд, чунин аст:

1. Камолова Г. Р., Абдулазизов В. Таълими аломати китобат тире (-)-и таркиби ҷумлаҳо /Г. Р. Камолова, В. Абдулазизов // Паёми ДМТ. – Душанбе: Сино, 2014. – № 3/9 (154). – С. 214-218.
2. Камолова Г. Р. Усулҳои босамари таълими як аломати китобатии забони тоҷикӣ / Г. Р. Камолова // Паёми ДМТ.– Душанбе: Сино, 2015. – № 3/11 (188). – С. 224-227.
3. Камолова Г. Р. Усули таълими истифодаи аломатҳои китобат ҳангоми омӯзиши воҳидҳои туфайлӣ / Г. Р. Камолова // Паёми ДМТ. – Душанбе: Сино, 2015. – № 3/12 (189). – С. 287-293.
4. Камолова Г. Р. Усули таълими аломатҳои китобат дар синфи 9 / Г. Р. Камолова // Паёми ДМТ. – Душанбе: Сино. – № 3/8 (216). – С. 214-218.

5. Камолова Г. Р. Таълими корбасти аломатҳои китобат дар таркиби ҷумлаҳои мураккаби пайваст/ Г. Р. Камолова // Паёми ДМТ. – Душанбе, 2017. – № 3/7. – С. 302-305.
6. Камолова Г. Р. Метод, тарз ва воситаҳои таълими аломатҳои китобат / Г. Р. Камолова // Паёми ДМТ. – Душанбе, 2018. – № 3. – С. 229-234.

**Ба автореферати диссертатсия тақризҳои зерин ворид шудаанд:**

**Ғиёсиев Меҳриддин** – номзади илмҳои педагогӣ, мудири кафедраи психология, педагогика ва методикаи таълими Муассисаи давлатии “Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф”.

Тақриз мусбат буда, мавриди тазаккур аст, ки мавзӯи мазкур аввалин маротиба ба таври мушаххас аз ҷониби унвонҷӯй Г.Р. Камолова мавриди таҳқиқ қарор гирифта, дар муқаддимаи фишурдаи рисола аҳамият ва зарурати таҳқиқоти фавқ муфассал баён гардидааст. Дар дисертатсия баъзе камбудиҳо ва нуқсонҳое низ таъкид шудааст.

1. Мавзӯъҳои фаръии “Асосҳои методологӣ ва методҳои илмии тадқиқот” ва “Аҳамияти назарияви ва амалии тадқиқот” бо дарназардошти моҳияти мавзӯи фишурдаи рисола тафсилоти бештарро мехоҳанд.

2. Ҷумлаи зерин таҳрир мехоҳад:

“Сабаби интихоби мавзӯъ ин аст, ки мушкилиҳои аломатҳои китобат, хусусият ва **методикаи мавриди истифодаи (?)** онҳо дар нутқ ва нақши онҳо дар саводнокии нутқи хаттию даҳонии хонандагон мавриди тадқиқи илмӣ қарор дода шавад” (автореферат, саҳ. 5).

3. Ҷумлаи “Коркарди **низоми таълими хонандагон (?),** ки пайдарпайии омӯзиши аломатҳои китобатро таъмин менамояд” низ таҳрирталаб аст” (автореферат, саҳ.5).

4. Ҷумлаи “Маънoҳои зиёди хабарӣ, пурсиш, хоҳишу илтимос, амру фармон, маҷоз, киноя ва амсоли инҳо, ки **дар нутқи шифоҳӣ дида мешаванд (?)** ҳам ислоҳ мехоҳад (автореферат, саҳ.10).

5. Ҳамзамон ҳам матни тоҷикӣ ва ҳам матни русии автореферат ниёз ба таҳрири ҷиддӣ доранд.

**Маҳмадҷонов Олимҷон** – доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи назария ва амалияи забоншиносии Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода;.

Тақриз мусбат буда, дар баробари дастовардҳо дар он баъзе камбудиҳои чузъӣ низ мушоҳида мешавад.

1. Дар баъзе саҳифаҳои автореферати диссертатсия иқтибосот зиёд оварда шудааст, аз ин рӯ, андешаронии муаллиф норавшан мондааст (с. 8, 9, 13 ва ғ.);

2. Дар баъзе саҳифаҳо ғалатҳои услубӣ, китобат ва техникӣ ба чашм мерасад (с. 4,5,13 ва ғ.).

**Ҷӯраев Ҳасан** – номзади илмҳои педагогӣ, муовини директор оид ба таълими Коллеҷи омӯзгории ба номи Хосият Махсумоваи ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ.

Тақриз мусбат буда, дар он омадааст, ки дар маҷмӯъ автореферати диссертатсияи Камолова Г.Р. дар мавзӯи **“Асосҳои лингводидактикии таълими пунктуатсия ва нақши он дар саводнокии нутқи хаттию шифоҳии хонандагон дар дарсҳои забони тоҷикӣ”** навгониҳо, бартариҳо ва дастовардҳои хуби илмӣ дорад. Дар баробари комёбию навгониҳо дар автореферат баъзе камбудиҳо низ ба назар мерасад.

1.Дар боби сеюм, ки диссертант онро ба ду зерфасл ҷудо кардааст, тарзи рақамгузориаш каме омехтатар ба назар мерасад;

2. Дар саҳифаи 12-уми автореферат хатоҳои имлоӣ дида мешавад;

3.Қисмати хулоса, ки дар он нуктаҳои асоси натиҷаҳои бадастоварда зикр шудааст хуб мешуд, ки бо роҳи рақамгузорӣ ҷудо карда шавад.

**Давлатов Эраҷ** – номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забони тоҷикӣ бо методикаи таълими они ДДК ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ. Тақриз мусбат аст, зикр шудааст, ки дар баробари муваффақиятҳо дар автореферати диссертатсия баъзе ғалатҳо ба чашм мерасанд:

1.Муаллифи рисола калимаи “хато”-ро зиёд ба кор мебарад (саҳ. 9, 14, 19... дар таркибҳои “ба хато роҳ надиҳанд”, “хатоҳое, ки хонандагон... содир мекунанд”, “хатоҳои пунктуатсионӣ” ва ғайра), ки ба фикри инҷониб қобили қабул нест. Беҳтар мешавад, агар ба ҷойи ин вожа калимаи “ғалат”-ро истифода мебурд;

2. Дар баъзе мавридҳо муаллифи рисола ба баҳсҳои назарӣ оид ба масъалаҳои алоҳидаи воҳидҳои забон саргарм шуда, масоили методиро, ки мавзӯи асосии рисола аст фаромӯш мекунад. Чунончи дар фасли дуюми боби сеюм ин ҳолат ба назар мерасад.

**Файзализода Ҷумахон Хол** – доктори илмҳои педагогӣ, профессор, муовини ректор оид ба таълими Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти ҶТ.

Пажӯҳишҳое, ки донишмандон ва устодони фозил перомуни масоили вожашиносӣ, сарфу наҳв, усули таълими забон ва адабиёт, услуби нигориши

осори адибони давраҳои гуногуни адабиёти тоҷик кардаанд, сарчашмаи илҳоми муҳаққиқони минбаъда гардидааст.

Дар баробари дастовардҳои илмӣ дар автореферати диссертатсия баъзе ғалатҳо ба чашм мерасанд:

1.Маълум аст, ки усули таълими аломатҳои китобат дар мактаб ҳоло ба таври ҷиддӣ ба роҳ монда нашудааст. Агар дар кори илмии мазкур аз усули интерактивӣ барои шавқовар гузаштани дарс истифода мегардид, сифати кор ранги дигар мегирифт;

2.Доир ба мавқеи аломатҳо сухан гуфта, барои баъзеи онҳо ё аз назм ва ё аз наср мисол оварда мешавад. Аммо дар баъзан ҳолатҳо мисол оварда намешавад. Чунончи, дар мавриди аломати хитоб (саҳ. 8, банди б.);

3. Калимаи зарурат барғалат зарурият сабт гардидааст (саҳ. 10).

Муқарризони расмӣ дар баробари муайян кардани баъзе нуқсонҳои автореферати диссертатсия муҳимияти ҷанбаҳои назариявию амалӣ, навоварӣ ва дастовардҳои шоёни диссертантро низ таъкид кардаанд.

Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи тақриздиҳанда бо он асоснок мегардад, ки онҳо мутахассисони варзида дар соҳаи педагогика буда, дар ин самт асару мақолаҳои зиёде таълиф карданд, ки мазмун ва муҳтавои онҳо ба мавзӯи диссертатсияи мазкур наздикӣ дорад. Муассисаи тақриздиҳанда яке аз муассисаҳои бонуфузи илмии соҳаи педагогика дар ҷумҳурӣ ба шумор рафта, бо мутахассисони варзидаи худ дар самти таҳқиқу таҳлили масоили умдаи педагогика, методикаи таълими забони тоҷикӣ хеле маъруф гардидааст.

Шӯрои диссертатсионӣ таъкид менамояд, ки муҳаққиқ дар асоси маводи зарурӣ ва фаровон оид ба таъсири **асосҳои лингводидактикии таълими пунктуатсия ва нақши он дар саводнокии нутқи хаттию шифоҳии хонандагон дар дарсҳои забони тоҷикӣ** ва дигар масоили вобаста ба мавзӯъро ба таври дақиқ мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор додааст.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот** аз баррасии таълими аломатҳои китобати забони тоҷикӣ, коркарди асосҳои илмии такмили маҳорату малакаҳои пунктуатсионии хонандагони тоҷик, тавсияҳои методии асоснок ва дар таҷриба санҷидашудаи таълими аломатҳои китобат иборат мебошад. Маводи пажӯҳиширо дар навиштани китобҳои дарсӣ, барномаҳои таълимӣ, инчунин дар такмили ихтисоси омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ метавон истифода бурд.

**Навгониҳои илмии тадқиқ** аз он иборат аст, ки масъалаҳои назариявӣ ва амалии аломатҳои китобат, навъ ва хусусиятҳои он, равиши таълим, шиносоӣ бо

аломатҳои китобат, истифодаи дурусти онҳо дар нутқ ва такмили системаи тому яклухти таълими забони модарӣ (тоҷикӣ) таҳлилу арзёбӣ шуда, мушаххасоти он муайян гардидааст.

Дар диссертатсия бори аввал ин мавзӯъ тадқиқ шуда, дар заминаи таҳлили барнома ва китобҳои дарсӣ дар робита бо масъалаҳои омӯхтани аломатҳои китобат, мушоҳидаи дарсҳои муаллимон, талаффуз ва сифати хониши талабагон, таҳлили корҳои хаттии онҳо вобаста ба истифодаи аломатҳои китобат, тарз ва воситаҳои самараноки омӯхтани аломатҳои китобат, ки аз озмоиши таълимӣ гузаштаанд, сурат гирифтааст.

Муаллиф масъалаҳои умумии назарии истифодаи аломатҳои китобат, навъ ва хусусиятҳои онҳоро дар ҳудуди мушаххас таҳлилу баррасӣ намуда, оид ба муайян кардани вижагиҳои таълими ҳар як аломати китобати забони тоҷикӣ ва дарку ҳалли огоҳонаи масъалаҳои баррасишуда хулосаҳои дурусти илмӣ баровардааст, ки ин дастовардҳои илмии муҳаққиқ ба муаллимону хонандагон ҳамчун роҳнамо хидмат карда метавонанд.

Ҷаласаи Шӯрои диссертатсионии 6D. КОА-028-и назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ рӯзи 26 сентябри соли 2019 дар бораи ба **Камолова Гадобегим Раҳимовна** додани дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 – Назария ва методикаи омӯзишу парвариш (забон ва адабиёти тоҷик) қарор қабул кард.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар Шӯрои диссертатсионӣ аз шумораи умумии 25 нафар аъзои Шӯрои диссертатсионӣ, 22 нафар иштирок дошт, ки аз ин 6 нафар аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 – Назария ва методикаи омӯзишу парвариш (забон ва адабиёти тоҷик) мебошанд, дар ҷаласа иштирок дошт. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» – 22 нафар, «зид» – нест, «варақаҳои беэътибор» – нест.

Баромади Камолова Гадобегим Раҳимовна дар мавзӯи **“Асосҳои лингводидактикии таълими пунктуатсия ва нақши он дар саводнокии нутқи хаттию шифоҳии хонандагон дар дарсҳои забони тоҷикӣ”** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 – Назария ва методикаи омӯзишу парвариш (забон ва адабиёти тоҷик), тақризи муассисаи тақриздиҳанда, баромади муқарризони расмӣ – доктори илмҳои педагогӣ, профессор, академик **Муҳаммад Лутфуллозода,** дотсент **Искандарова Фароғат Додобоевна** ва тақризҳо ба автореферат ро шунида, муҳокима карда, Шӯрои диссертатсионӣ дар асоси натиҷаи овоздиҳии пинҳонӣ, хулосаи қабулкардаи худ оид ба диссертатсия дар бораи асолат, арзиш, навоварӣ ва натиҷаҳои бадастовардаи диссертант

**Қарор қабул мекунад:**

1. Диссертатсияи Камолова Гадобегим Раҳимовна дар мавзӯи **“Асосҳои лингводидактикии таълими пунктуатсия ва нақши он дар саводнокии нутқи хаттию шифоҳии хонандагон дар дарсҳои забони тоҷикӣ”** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 – Назария ва методикаи омӯзишу парвариш (забон ва адабиёти тоҷик) ба талаботи банди 2 ва зербандҳои 10 ва 11 «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор)»-и Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми октябри соли 2016, №505 тасдиқ шудааст, комилан мувофиқат мекунад;
2. Автореферати диссертатсия ва мақолаҳои илмии чопкардаи унвонҷӯ мазмуну мундариҷаи диссертатсияро пурра инъикос менамоянд;
3. Ба Камолова Гадобегим Раҳимовна дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 – Назария ва методикаи омӯзишу парвариш (забон ва адабиёти тоҷик) дода шавад;
4. Аз Комиссияи олии атестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон хоҳиш карда мешавад, ки ба Камолова Гадобегим Раҳимовна дипломи дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 – Назария ва методикаи омӯзишу парвариш (забон ва адабиёти тоҷик)-ро диҳад.

Раиси Шӯрои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ, профессор — Ҷаматов С.

Котиби илмии Шӯрои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои филологӣ, дотсент — Мирзоалиева А.Ш.

26 сентябри соли 2019.